# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” оид ба диссертатсияи Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи “Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).

Комиссияи ташхиси назди Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 026-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар ҳайати раиси комиссия **Ш.А.Шаропов** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор (раис); аъзоён **А.А.Азизов** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор ва **Г.Б. Мухаметов** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор оид ба қабул намудани диссертатсияи Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи **“Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои ҳимоя ва муайян кардани рӯзи ҳимоя.

Дар марҳалаи муосири рушди давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон - мамлакате, ки дар ҷомеаи ҷаҳонӣ барои ишғоли мавқеи арзандаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ талош меварзад, проблемаҳои такмили низоми таҳсилот, тарбияи насли наврас ва мушаххасгардонии нақши оила дар ин раванд барои ҷомеа бағоят муҳим аҳамияти стратегӣ пайдо мекунад. Шароити кунунии ҷамъияти имруза, ки аз давраҳои қаблии таърихи башар бо хусусияти ҷаҳонишавии фарҳангу маориф ва фазои иттилоотӣ тафовут дорад, зарурати ҷустуҷӯ, таҳқиқ ва дарёфти тарзу усулҳои наву такмилёфта ва самараноки таъсиррасонӣ ба шууру андешаи мардум, махсусан, насли наврасро ногузир месозад. Дар ин самт оила ва низоми тарбияи оилавӣ низ мақом ва нақши ногузир дорад.

Ҳалли ин масъала ба инкишофи хусусиятҳои устувори ахлоқии оилаи имруза, ба вижа, ба ташаккул додани унсурҳои умдаи оиладорӣ бо назардошти вазъи кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд аст.

Марбут ба ин масъалаи басо муҳим, ки ба аҳамияти бузурги сиёсӣ ва иҷтимоӣ молик аст, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле бамаврид зикр намудаанд, ки «Бешак, тамоми осори гаронбаҳои аз ниёгон то ба имрӯз расида, асрҳои аср, ҳамчун мактаби бузурги таълиму тарбия боқӣ мемонад ва ҳеҷ гоҳ намегузорад, ки миллати соҳибтамаддуни тоҷик ба заволи маънавӣ рӯбарӯ гардад". Аз ин лиҳоз, ташаккул ва рушди арзишҳои оиладорӣ дар замони муосир чун яке аз роҳҳои рафъи ҳар гуна омилҳои манфии ҷамъият мавқеи аввалиндараҷа касб мекунад.

Анъанаву суннатҳои ахлоқиву тарбиявӣ аз озмоиши шадиди таърих гузашта, барои тавлиди арзишҳои нави маънавии наслҳои оянда заминаи устувор фароҳам меоранд. Арзишҳое, ки барои давраи мушаххаси таърихӣ қимати бештар доранд, дар натиҷаи интиқол ва омезиш ёфтан бо арзишҳои муосир ва суннату анъанаҳои пешқадами тарбиявии дигар халқу миллатҳо ба вусъати эътибори умумибашарии онҳо мусоидат намуда, боиси ҷолибият ва истифода дар раванди таълиму тарбияи насли наврас мегардад. Аз ин лиҳоз, оила ҳамчун интиқолдиҳандаи таҷрибаи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар нигоҳдошти беҳтарин расму ойин ва анъанаҳои миллӣ аҳамияти муҳим дорад.

Яке аз дурдонаҳои адабиёти Шарқ «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус дар афкори педагогии халқи тоҷик дар радифи ҷолибтарин ва пурарзиштарин асарҳои тарбиявию ахлоқӣ қарор дошта, ба забонҳои англисӣ, фаронсавӣ, русӣ, арабӣ, тоторӣ, ӯзбекӣ ва ғайра тарҷума шуда, шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардааст. Ҳамзамон, асари мазкур дар силсилакитобҳои «Китобхонаи мактаб» мавқеи хосса дошта, чандин маротиба нашр ва дастраси хонандагон гардидааст.

Дар асарҳои донишмандони номбурда дар баробари дигар масъалаҳои тарбиявӣ ва панду ахлоқӣ мавзуи оила, шарту шароити ташкили он, одоби

никоҳу оила, зиндагии муштарак ва дигар арзишҳои оиладорӣ – якдигарфаҳмӣ, хурмату эҳтироми калонсолон ва падару модар, ишку муҳаббат, саломатии фарзандон, меҳру шафқати падар ва модар нисбат ба фарзанд, ҷойгоҳи илму адаб ва ҳунари фарзандон ва арзиши онҳо барои бунёди оилаи солим аз зумраи масъалаҳои муҳим ва умдае ба шумор мераванд, ки хеле батафсил ва бо шарҳу тавзеҳоти ҳамаҷониба баррасӣ шуда, бисёр нуктаи онҳо имрӯз низ аҳамияти тарбиявии худро гум накардаанд.

Дар ин замина метавон хулоса намуд, ки доираи масъалаҳои зикргардида, мубрамияти мавзуи диссертатсияи Олимов Тағойбекро собит месозанд.

1. Диссертатсияи мазкур мутобиқ ба талаботи банди 53 -и “Низомномаи Шурои диссертатсионӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, иҷро шудааст. Дисссертатсия дар ҷаласаи васеи муштараки кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии МДТ “Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ” муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия гардидааст. Дар Хулосаи МДТ “Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ” ба диссертатсия баҳои ҳамаҷонибаи объективӣ дода шуда, мусбат арзёбӣ гардидааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 32-33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия кори тахассусии илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта буда, пажӯҳиши ҳамаҷонибаи муайян ва исбот намудани моҳияти ғояву ақидаҳои тарбиявии мутафаккирони халқи тоҷик дар асри XI оид ба ташаккули арзишҳои оиладорӣ, ошкорнамоии робитаи эҷодиёти онҳо бо амалияи тарбияи оилавӣ ва дарёфти роҳу воситаҳои муносибу самарабахши истифодабарии онҳоро дар раванди ташаккул ва рушди арзишҳои оилавии ҷомеаи муосири Тоҷикистон фаро мегирад.

3. Пешниҳоду хулосаҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, эътимоднок буда, онҳоро дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, раванди таълиму тарбия, такмили

стандарту барномаҳои таълимию тарбиявӣ ва санадҳои қонунгузории соҳаи маорифи кишвар доир ба мавзуи таҳқиқшаванда метавон истифода намуд.

4. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ), ки аз рӯи он ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, №81 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат дорад.

5. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияву пешниҳод-ҳои довталаб дар 12 номгӯй интишороти илмӣ ба табъ расидаанд, ки саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Мақолаҳои муаллиф, аниқтараш 5 адад мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ комилан мувофиқ буда, моҳияти асосии таҳқиқотро инъикос мекунанд. Теъдоди маводи нашршуда ба талаботи банди 35-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳуку-мати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

6. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Олимов Тағойбек Шодиевич истифодаи мавод бе нишон додани маъхаз мавҷуд набуда, тамоми манбаъҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровардa шудаанд, ки аз риоя шудани банди 33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, шаҳодат медиҳад.

7. Рисола ба талаботи банди 33-и “Тартиби додани дарачаҳои илмӣ” мувофиқат мекунад. Диссертатсияи мазкур аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои умумият ва ягонагии дохилӣ мебошад. Навгонии илмӣ ва муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсиониро собит месозанд.

8. Таҳқиқоти диссертатсионии Олимов Тагойбек Шодиевич дар мавзӯи “Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)”, дар доираи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) анҷом дода шудааст. Автореферат дар мутобиқат бо мантиқи таҳқиқ таҳия гардида, муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос менамояд. Натиҷаҳои илмие, ки унвонҷӯй ба даст овардааст, ба ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқанд.

9. Комисссияи ташхисӣ талаботи банди 61-уми “Низомномаи шурои диссертатсионӣ”-ро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ба инобат гирифта, пешниҳод менамояд:

1). Диссертатсияи Олимов Тагойбек Шодиевич дар мавзӯи “Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Гафуров” барои ҳимоя қабул карда шавад.

2). Ба ҳайси **муқарризони расмӣ** ба диссертатсияи мазкур шахсони зерин тавсия дода мешаванд:

1. **Каримзода Мирзо Бадал** – доктори илмҳои педагогӣ, саркотиби илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон;

2. **Ҳодибоев Фаридун Абдуалиевич** - номзади илмҳои фалсафа, сардори Маркази иттилоот ва таҳлили раёсати МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров".

3). Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда – **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** тавсия карда мешавад.

4). Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани автореферат ва диссертатсия дар сомонаи МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5). Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис дар теъдоди 100 нусха иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**

**Ш.А. Шаропов** — доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви Шурои диссертатсионӣ.
*Суроға: Ш.Хуҷанд, 735700, кучаи К.Хуҷандӣ, хонаи 146, ҳуҷраи 5; Тел.: (992) 92-771-78-70; email: sharofzod1954@mail.ru*

**Аъзоёни комиссия:**

**А.А.Азизов** — доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви Шурои диссертатсионӣ.
*Суроға: Ш.Хуҷанд, 735700, микроноҳияи 12, хонаи 13, ҳуҷраи 42; Тел.: (992) 92-747-41-15;*

**Г.Б.Мухаметов** — доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви Шурои диссертатсионӣ
*Суроға: ш. Душанбе, кучаи Мухаммадиев 6, ҳуҷраи 15; Тел.: (992) 90-442-41-16; email:gmuhametov@yandex.ru*

**Имзои раис ва аъзоёни комиссияи экспертиро тасдиқ мекунам.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ** — **Н.А.Ҳамробоев**
*Тел.: 93-766-36-00*
*email: knasim@mail.ru.*

*Суроға: Ш.Хуҷанд, 735700, микроноҳияи 12, хонаи 13, ҳуҷраи 11. Тел.: 93-766-36-00 email: knasim@mail.ru.*

15-уми апрели, соли 2023